# СУРАТМАҶЛИСИ №108

чаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

31 январи соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои Шуро 13 нафар

**Раиси Шуро:** Азиззода Убайдулло Абдулло

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст, иштирок доранд 13 нафар, аз онҳо 4 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод карда мешавад, ки ҷаласаи Шуро кушода эълон шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода эълон шавад.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Дар бораи ташкили комиссияи экспертӣ:**

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Аъзои шурои диссертатсионӣ пешниҳод намуд, ки барои баррасии диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд комиссияи экспертӣ дар ҳайати докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ғаюрзода Ш.К., Муртазозода Ҷ.С. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қурбонов Қ.Б. ташкил карда шавад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои экспертизаи аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ғаюрзода Ш.К.;
- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Муртазозода Ҷ.С.;

- номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қурбонов Қ.Б.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 13 нафар, муқобил - нест, бетараф нест, бюллетени беъэтибор - нест. **Қарор якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Ҷодиров Н.А.